«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Насриддинзода Э.С.
«_4_»_____09_____ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Раҳимзода Сафар Орзу – соли 2008 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон ва соли 2011 шӯъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Аз соли 2023 то имрӯз ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон кору фаъолият мекунад. Аз соли 2022 унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2025, №137-05 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Шарифзода Саъдӣ Шариф, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хулосаи зерин қабул гардид:

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он аз рӯйи ихтисоси баррасишаванда пурра мутобиқат мекунад.

Мубрам будани мавзуи пажӯҳиш бо он асоснок карда мешавад, ки ҷомеаи муосир бидуни рушди ҳуқуқҳои шахсӣ ва таъмини ҳимояи судии

онҳо вуҷуд дошта наметавонад. Ин ҳуқуқҳо, ки дар конститутсияҳои давлатҳои демократӣ ва санадҳои байналмилалӣ ҳамчун арзиши олӣ ва кафолатёфта эътироф шудаанд, бояд аз ҷониби ҷомеа ҷиҳати амалишавии онҳо шароит фароҳам оварда шавад.

Гарчанде барои иҷрои ин вазифа тамоми шохаҳои ҳокимият, ташкилоти ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ саҳм мегузоранд, нақши асосӣ ба низоми судӣ тааллуқ дорад, зеро ҳокимияти судӣ вазифадор аст, ки адолатро дар ҷомеа татбиқ намояд. Аз ин рӯ, мартаба ва эътибори суд, пеш аз ҳама, ба риояи қатъии қонун асос меёбад.

Чунин муносибат нисбат ба ҳокимияти судӣ дар мамлакатҳое, ки анъанаҳои демократӣ муқаррар шудаанд ва дар он ҷо принсипи волоияти қонун ва қонуният мустаҳкам гардидааст, амалӣ мегардад. Чунин муносибати давлат ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки онро қонуни асосии кишвар кафолат медиҳад, муайян менамояд, аммо бо сабабҳои объективӣ давлат наметавонад бидуни механизми муайяни ҳуқуқӣ ба таври муътадил инкишоф ёбад ва вазифаҳои худро иҷро намояд. Дар ин сурат, пеш аз ҳама бояд давлат мавқеи судиро доро бошад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои умумии эътирофшудаи байналхалқӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки барои амалӣ кардани имкониятҳои ӯ зарур мебошанд, кафолат дода шудаанд.

Аҳаммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки масъалаи таҳкими институти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин механизми кафолати судии таъмини онҳо, дар шароити иҷтимоию ҳуқуқии муосири ҷомеа ва давлат, аз ҷумла муҳимтарин самтҳои рушди низоми ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад.

Ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба ҳимояи судӣ ҳамчун яке аз унсурҳои калидии татбиқи воқеии ҳуқуқу озодиҳо баромад мекунад ва дар амалӣ намудани принсипи волоияти қонун нақши ҳалкунанда мебозад, зеро маҳз тавассути татбиқи ин институт шаҳрвандон метавонанд аз ҳуқуқ ва озодиҳои худ дар ҳолати поймолшавӣ аз ҷониби ашхос, мақомоти давлатӣ ё дигар субъектҳо ҳимоя кунанд.

Ҳамчунин, баррасии мавзуъҳои таърихии дорои табиати миллӣ дар шароити зуҳури бесобиқаи бархӯрди манфиатҳо воситаи муассири ҳифзи истиқлолияти мафкуравӣ ва ҳуқуқӣ буда, барои шаклгирии миллии қонунгузории кишвар маводи ногузиру муфиди ҳуқуқӣ дар роҳи таҳияи самтҳои муосири рушди низоми ҳуқуқӣ пешниҳод менамояд. Аз назари илмӣ, дар шароите, ки масъалаи ташкили низоми мустақили

ниҳодҳои амалисозандаи адолати судии маъмурӣ, судҳои маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз масоили марказии баҳси фазои илмии ҳуқуқӣ ба шумор меравад, дар назария ва амалияи ҳуқуқӣ низ аз мавзуҳои мубрам ва печида боқӣ монда, рӯ овардан ба таърихи пайдоиш ва рушди он дар давлатдории миллӣ, кашф ва асрори таҷрибаи одилона, мунсифона, оқилона ва манфиатовари амалияи ин навъи ҳокимияти судӣ дар хотираи ҳуқуқии халқ далели устувори ҷонибдории қавии илмӣ аз таъсис ва роҳандозии ин навъи судҳо дар Тоҷикистони муосир дониста мешавад.

Бинобар таъкиди унвонҷӯ пажӯҳиши мавзуи мазкур яке аз масъалаҳои бунёдии дар илми ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва адабиёти илмии ҳуқуқшиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки то кунун вобаста ба мавзуи матраҳшуда дар илми ҳуқуқшиносии кишварамон таҳқиқоти илмӣ ба ҳадди ангуштшумор анҷом гирифтааст. Зимни омӯзиши масъалаи мазкур унвонҷӯ як қатор хулосаҳои илмӣ ва дар заминаи онҳо пешниҳодҳои мушаххас пешкаш кардааст.

**Мақсади аз таҳқиқоти** мазкур омӯзиши масъалаҳои таърихӣ ва назариявии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар заминаи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ташкил медиҳад. Инчунин, ошкор намудани баъзе хусусиятҳои механизм ва кафолати ҳифзи судӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистони таърихӣ ва имрӯзаро дар бар мегирад.

Барои ноил шудан ба мақсадҳои дар боло зикргардида вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

- муайян намудани табиати ҳуқуқии ҳимояи судӣ ҳамчун институти мураккаби ҳуқуқ;
- таҳлили таърихию назариявии ташаккули ҳимояи судӣ дар давлатдорӣ;
- муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи ҳимояи судӣ дар низоми кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон;
- таҳлили мухтавои ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ;
- арзёбии амалияи татбиқи ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ аз ҷониби судҳои кишвар;
- таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳо ҷиҳати такмили механизмҳои амалкунандаи ҳимояи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар пажӯҳиш муаллиф аз усулҳои умумӣ ва махсус истифода намудааст, ки маъмултарини онҳо усулҳои таҳлили ҳуқуқӣ, ҳуқуқӣ -

муқоисавӣ, хронологӣ-таърихӣ, абстрактсия, оморӣ, мантиқӣ, шаклбандӣ, тарҳрезӣ ба ҳисоб меравад.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва таклифҳои муаллиф, ки дар натиҷаи таҳлили илмӣ ва пажӯҳиши таҳқиқоти таърихӣ-назариявии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс ба даст омадаанд, ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз аввалин таҳқиқи назариявӣ-таърихии мукаммал, низомнок ва фарогир дар робита ба таҳқиқоти таърихӣ-назариявии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс ба шумор меравад.

Натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон, таърихи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ, ва курсҳои махсуси механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи кӯдак, ҳуқуқи занон, ҳуқуқи гурезагон, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва навиштани матолиби илмиву пажӯҳишӣ истифода бурд.

Ҳамзамон, аз ҷониби унвонҷӯ Раҳимзода С.О. як қатор тавсияҳои амалӣ барои мукаммал гардонидани қонунгузории амалкунанда пешниҳод гардидаанд, ки татбиқи онҳо дар истеҳсолот аз ҷониби Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу омӯзиш қарор доранд.

Саҳми шахсии муаллифи рисолаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд. Инчунин, сабки навишт, масъалагузорӣ ва шеваи бархӯрд ба таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдароии диссертатсия ва автореферати диссертатсия қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад.

Сохтори диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба амали натиҷаҳо, номгӯйи адабиёти истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи

таҳқиқоти диссертатсионӣ асос ёфтаанд.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ 13 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд, аз ҷумла:

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

**[1-М].** Раҳимов, С.О. Воситаҳои ассосии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистони соҳибистиқлол: Паҳлуҳои умумии назариявӣ [Матн] / С.О. Раҳимов // Бахши илмӣ-иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ». –Душанбе. – 2025. –№1. –С. 39–50. ISSN 2307–5198

**[2-М].** Раҳимов, С.О. Таҳкими таносуби ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тавасути мақомоти судӣ ва дигар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ [Матн] / С.О. Раҳимов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2025. – №1 (57). – С. 46-50; ISSN 2410-2903.

**[3-М].** Раҳимов, С.О. Суд-кафолати асосии ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон дар Тоҷикистон [Матн] / С.О. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – – 2024. –№10. –С. 261–268; ISSN 2413–5151

**[4-М].** Раҳимов, С.О. Механизмҳои судии ҳифзи ҳуқуқи инсон [Матн] / С.О. Раҳимов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2024. – №3 (55). – С. 127-132; ISSN 2410-2903.

**[5-М].** Раҳимов, С.О. “Авасто” –яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқии Тоҷикистони таърихи [Матн] / С.О. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. –№4. –С. 261–268. ISSN 2413–5151.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Раҳимов, С.О. Таносуби ҷавобгарии ҷиноятӣ бо дигар намудҳои ҷавобгарӣ [Матн] / С.О. Раҳимов // Маводи конференсияи

байналмилалии илмӣ - назариявӣ дар мавзуи “Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат”. – Душанбе, 2024. – С. 517-521.

**[7-М].** Раҳимов, С.О. Ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / С.О. Раҳимов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, (25-26 апрели 2024). – Душанбе, 2024. –С.509-510

**[8-М].** Раҳимов, С.О. Таҳкими таносуби ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тавасути мақомоти судӣ ва дигар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ [Матн] / С.О. Раҳимов // Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умуммиллӣ: маводҳои конференсияи байналмилалӣ бахшида ба 30 солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “Соли маърифати ҳуқуқӣ” (2 ноябри соли 2024). – Душанбе, 2024.– С. 681-685.

**[9-М].** Раҳимов, С.О. Кафолати татбиқи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба ҳимояи судӣ [Матн] / С.О. Раҳимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат”. – Душанбе, 2024. – С.517-521.

**[10-М].** Раҳимов, С.О. Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ва ёрии ҳуқуқӣ [Матн] / С.О. Раҳимов // Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ: (маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ), (25-26 апрели соли 2024). – Душанбе, 2024. – С.177-180.

**[11-М].** Раҳимов, С.О. Ҳимояи судӣ–шакли махсуси мурофиа [Матн] / С.О. Раҳимов // Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ: (маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ), (25-26 апрели соли 2024). – Душанбе, 2024. – С.205-210.

**[12-М].** Раҳимов, С.О. Ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / С.О. Раҳимов // Конференсияи умуми донишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба “30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ, “Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024” ва “бист солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040)” – Душанбе, 2024. – С.214-216.

**[13-М].** Раҳимов, С.О. Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмин намудани ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд [Матн] / С.О.

Раҳимов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ Иниститути фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бахшида ба 30 – солагии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мавзуи «Масоили мубрами фаъолияти қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»" – Душанбе, 2025. – С. 477-479.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Раҳимзода Сафар Орзу аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пажӯҳиши анҷомёфта дониста шуда,

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.
2. Диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 20 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси № 1 аз 30-юми августи соли 2025.

**Раис:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Мирализода И.Қ.

**Котиби ҷаласа:** Азизов С.С.

Имзои Мирализода И.Қ. ва
Азизов С.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«30» 08 2025